**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Мадвализода Комёр Мадвалӣ бениҳоят мубрам арзёбӣ мегардад, зеро дар шароити муосири мурофиаи ҷиноятӣ, ки давраиислоҳотро гузаронидааст, бояд ба масъалаҳои марбут ба далел ва ҷараёни исботкунӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда шавад. Мубрам арзёбӣ намудани таҳқиқоти мазкур тавассути як қатор мушкилотҳои мавҷуда дар самти назария, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва таҷрибаи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судӣ тасдиқ карда мешаванд. Яъне, бо вуҷуди такмилёбии падидаҳои ҷудогонаи мурофиаи ҷиноятӣ, бахусус падидаи исботкунӣ ҳанӯз ҳам масъалаҳое руйи кор омада истодаанд, ки боиси қабул гардидани қарорҳои беасос ва бемаврид мегарданд. Ин қабил мушкилотҳо ва роҳи ҳалли онҳо ба таври возеҳу равшан дар таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқ рӯйи қалам омадааст.

Қабул гардидани Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар таҳрири нав ҷиҳати такмили доираи васеи падидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ заминаи устувор гузошт. Яқин аст, чунин тағйиротҳо ба падидаи исботкунӣ низ таъсири худро мерасонад. Аз ин хотир, ба фаҳмиши ҳозираи падидаи исбот бо дарназардошти ислоҳоти судӣ ва дигар омилҳо бояд аз нигоҳи нав баҳогузорӣ намуд.

Сабаби дигари мубрам арзёбӣ намудани мавзуи таҳқиқшуда ин – масъалаи риояи ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, қабл аз ҳама ҳуқуқҳои гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон дар раванди исботкунӣ

маҳсуб меёбад. Зеро масъалаи қобили қабул ва қонунӣ будани далелҳои ҷамъовардашуда дар доираи фаъолияти исботкунӣ бо ҳуқуқҳои тарафҳо ҷиҳати таъмини муҳокимаи одилонаи судӣ дар иртибот қарор дорад. Исботкуниро бояд тарзе ба роҳ монд, ки риояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва мурофиавии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз мадди назари мақомоти салоҳиятнок дур нагарданд. Маҳз дар заминаи ҳамин қабил мушкилот таҳияи пешниҳодҳои судманд ҷиҳати тақвияти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба миён меоянд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври возеҳ ва аз нигоҳи мантиқӣ дуруст иҷро гардидаанд, ки ба проблемаҳои мубрами назария ва амалияи исботкунӣ мувофиқанд. Таҳқиқоти мазкур ба рушди руйкардҳои илмӣ ҷиҳати фаҳмиши чараёни исботкунӣ ва таҳлили мушкилоти кунунии амалияи мақомоти тафтишотӣ ва судӣ равона шудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар заминаи қабули Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ифода ёфтааст. Рисоланавис шакли маҷмуии назариявии исботкуниро пешниҳод намудааст, ки ҷанбаҳои анъанавӣ ва муосири ин падидаро фаро мегирад. Тамоми муқарраротҳо ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф манзургардида бешубҳа имкон доранд, ки ба сифати навгониҳои илмӣ баромад намоянд.

Дар маҷмуъ, гуфтан роиҷ аст, ки кори мазкур барои таҳқиқоти манбаъда ва такмили танзими ҳуқуқӣ дар ин соҳа манбаи арзишманд боқӣ мегузорад.

Дар баробари ишора гардидани нуктаҳои асосӣ ва ҷанбаҳои мусбати автореферат ба диссертатсия, инчунин нуктае низ ҷой дорад, ки аз нигоҳи мо баҳснок вонамуд шудаанд. Масалан, дар автореферат аз ҷониби муаллиф баъзе вожаҳое истифода шудаанд, ки чандон хоси илм нестанд. Масалан, калимаҳои «паҳновар», «воҷиб», раҳёфт ва ғайра. Мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф бар ивази онҳо калимаҳои алтернативии ба ин ё он ҳолат хос истифода менамуд. Бо вуҷуди ин, эроди мазкур ба мазмун ва муҳтавои автореферати

диссертатсия ҳеҷ таъсири манфие нарасонида, камбудии мазкур ҷузъӣ ба шумор меравад.

Бешубҳа, автореферати рисолаи номзадии Мадвализода Комёр Мадвалӣ мазмун ва муҳтавои диссертатсияро таҷассум намуда, масъалаҳои баррасишаванда дар доираи он аз нигоҳи илмӣ ба таври зарурӣ асоснок гардидаанд. Аз ин хотир, кори мазкур, дастовардҳои баланди илмӣ ва амалиро нишон дода, сазовори баҳои мусбат аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» ба талаботи бандҳои 31-35, 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09. – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Сардори Хадамоти иҷрои назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Саидвализода Б.С.**

**Имзои Саидвализода Б.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии
Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Шоҳиён Х.Қ.**

6.12.2024

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони И. Сомонӣ 8; Тел.: +992 (37) 228-98-71; факс: +992 (37) 228-98-67; сомона: www.ijro.tj; Email: info@ijro.tj.